**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ализода Наврӯз Алӣ дар мавзуи “Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон” барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ**

Диссертатсияи Ализода Наврӯз Алӣ ба поэтикаи жанри зарбулмасал дар байни даризабонони Афғонистон бахшида шуда, мубрамии баррасии масоили зарбулмасалҳо дар он зоҳир мегардад, ки он дорои мазмуну мундарича ва сохтору бадеияти вижа аст. Аз нигоҳи дастовардҳои илми фолклоршиносӣ дар маркази омӯзишу пажуҳиш таҳқиқ қарор додани зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон бахусус, як қисмати мубрами он – поэтикаи таърихӣ, хусусиёти диди эстетикии халқ ва нуфузи ҷанбаи бадеиро дар бунёди жанрҳои адабиёти гуфторӣ ошкор хоҳад кард. Аз ин хотир, дар партави масъалаҳои поэтикаи адабиёти гуфторӣ муайян кардани моҳияти жанрии зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон аз ҷумлаи масоили актуалии илмист, ки дар рушан намудани баъзе махсусияти шуури бадеиву эстетикии халқ аз аҳаммияти хос бархурдор мебошад.

Поэтикаи жанри зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон бори нахуст ба таври монографию ҷудогона мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҳамчунин, мубрамияти мавзуи таҳқиқ боз дар он нукта ифода меёбад, ки дар диссертатсия раванди эҷоди зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон дар муқоиса бо зарбулмасалҳои кишварҳои ҳамзабон – Тоҷикистону Эрон ба таҳлил кашида шудаанд.

Диссертатсияи мазкур дар фолклоршиносию адабиётшиносии форсизабонон (Афғонистон, Тоҷикистон ва Эрон) аввалин таҳқиқи муфассал дар бораи поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон буда, бори нахуст таърихи гирдоварӣ, нашр ва омӯзиши зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон таҳлилу замонбандӣ гардида,

поэтикаи он аз ҷиҳати сохтор, мавзуъ, вариантнокӣ ва масоили дигари жанри мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, баъзе хусусиятҳои забонию услубии зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон ба таври мухтасар таҳқиқ шудааст. Баҳсу андеша ва мулоҳизаву хулосаҳои диссертатсия хусусияти актуалӣ дошта, дар илми фолклор аз аҳаммияти махсус бархурдоранд.

Гирдоварию нашр ва таҳқиқу пажуҳиши зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон ҳамчун диссертатсияи ҷудогона барои равшан намудани масъалаҳои гуногуни адабиёти гуфтории мардуми фосизабон ва баъзе аз манотиқи тоҷикзабонони Осиёи Марказӣ низ аз аҳаммият холӣ нест. Маводи рисола метавонад, ҳангоми баррасии муштаракоти забон, адабиёт ва фолклори форсизабонон мавриди истифода қарор гирифта, барои таълифи рисолаҳои илмии фолклоршиносӣ, адабиётшиносӣ, забоншиносии даризабонони Афғонистон ва ҳамчунин ҷиҳати тадриси таълими фолклор дар донишгоҳҳо ба кор равад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 12 мақола, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Ализода Наврӯз Алӣ истифодаи мавод бе ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад, ки ин ҳолат аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқу моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Ализода Наврӯз Алӣ дар мавзуи "Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон" кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ализода Наврӯз Алӣ дар мавзуи "Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мувофиқат доранд,

ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**- Раҳмонов Равшан Қаҳҳорович** – доктори илми филология, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**- Раҳимӣ Дилшод Камолзода** – номзади илми филология, мудири Маркази мероси фарҳангии тоҷикони Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, Восиева Р.Қ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Охониёзов В.Д.

доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Давлатбеков Л.М.

«15» июни соли 2023